# НАМУНАИ
## саволу масъалаҳои тест аз фанни ҳуқуқ барои олимпиадаи фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj
РОЙГОН!

**1** **Яке аз функсияҳои асосии ҳуқуқро муайян кунед.**

**A)** тарбиявӣ
**B)** идеологӣ
**C)** иттилоотӣ
**D)** танзимнамоӣ

**2** **Тасаввур ва ҳисси донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ ба кадом намуди шуури ҳуқуқӣ тааллуқ дорад?**

**A)** гурӯҳӣ
**B)** оммавӣ
**C)** ҷамъиятӣ
**D)** халқӣ

**3** **Номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин ваколати кадом мақомот аст?**

**A)** Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя
**B)** Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**C)** Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**D)** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**4** **Барҳамдиҳии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси кадом санади меъёриву ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад?**

**A)** Кодекси маданӣ
**B)** Кодекси молиявӣ
**C)** Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ
**D)** Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”

**5** **Ҳуқуқи буҷетӣ яке аз зерсоҳаҳои кадом соҳаи ҳуқуқ мебошад?**

**A)** ҳуқуқи андоз
**B)** ҳуқуқи маъмурӣ
**C)** ҳуқуқи молиявӣ
**D)** ҳуқуқи маданӣ

**6** **Ҳангоми ғайриқонунӣ бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо дар кадом муҳлат корманд метавонад ба суд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои худ муроҷиат намояд?**

**A)** се моҳ аз лаҳзаи эълон кардани корфармо оиди аз кор озод шудани корманд
**B)** як моҳ аз рӯзи супоридани нусхаи санади корфармо дар бораи қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ
**C)** 3 сол пас аз баромадани фармон ё гирифтани дафтарчаи меҳнатӣ
**D)** 1 сол аз лаҳзаи эълон кардани корфармо оиди аз кор озод шудани корманд

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**7** **Эъломияи умумии ҳуқуқи башар якҷоя бо ... ва ... , инчунин протоколҳои факултативӣ Билли ягонаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсонро ташкил медиҳанд.**

**A)** Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандию сиёсӣ

**B)** Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо

**C)** Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар навъҳои муносибатҳои золимонаю ғайриинсонӣ ё пастзанандаи қадру қимат ва ҷазодиҳӣ ва Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо

**D)** Хартияи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон ва Резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ

**8** **Таъмини амният ва ҳимояи шахсият аз таҳдидҳои бешумор ба мавҷудияти он ба кадом вазифаи ҳуқуқи инсон дохил мешавад?**

**A)** сиёсӣ

**B)** ахлоқӣ-маънавӣ

**C)** маърифатноксозӣ

**D)** ҳуқуқӣ

**9** **Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак кадом сол фаъолияташро оғоз намуд?**

**A)** 1995

**B)** 1989

**C)** 1991

**D)** 2004

**10** **Суханони зерин ба кӣ таалluқ дорад?**
**“*Дар ҷаҳон як мардум аз лиҳози лаёқатмандӣ нисбат ба мардуми дигаре афзалият надорад*”.**

**A)** Лессинг

**B)** Махатма Ганди

**C)** Умари Хайём

**D)** Кофи Аннан

**11** **Мувофиқатро муайян намоед:**

**A)** гирдиҳамоӣ

**B)** пикет

**C)** роҳпаймоӣ

**D)** манифестатсия

**1)** ҷамъшавии оммавии одамон бо мақсади ҷашнгирии Иди Соли нави мелодӣ бе огоҳии пешакии мақомоти давлатӣ

**2)** шакли пиёда қадам зада баён кардани ақидаҳо

**3)** гурӯҳи начандон калони одамон бо плакатҳо дар назди ягон объект, аксаран дар назди бинои мақомоти ҳокимияти давлатӣ меистанд

**4)** омезиши навъҳои гуногуни чорабиниҳои оммавӣ

**5)** барои муҳокимаи масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ, аз ҷумла сиёсӣ, дастгирии ягон талабот ташкил карда мешавад, ки дар ҷой ва вақти қаблан муайяншуда гузаронида мешавад

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**12** **Мувофиқатро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Мавзуи Конвенсияи Дуюми Женева | **1)** Ҳар вақт тарафҳо, ки дар ҳолати ҷанг мебошанд, тамоми чораҳоро барои он меандешанд, ки захмбардоштагон ва беморонро пайдо намоянд ва нигоҳубини онҳоро таъмин менамоянд. |
| **B)** Мавзуи Конвенсияи Якуми Женева | **2)** Тарафҳои даргир ба киштиҳои ҳарбӣ ҳуқуқ медиҳанд, ки баргардонидани захмбардоштагон, беморон ва аз сарнагуншавии киштиҳо зарар-дидагони дар госпиталҳои киштиҳои ҳарбӣ ё дар дигар ҷойҳо будаи талаб намоянд, ба шарте ки вазъи саломатии онҳо барои ба мамлакаташон баргаштан имкон диҳад. |
| **C)** Мавзуи Конвенсияи Чоруми Женева | **3)** Тарафҳои низоъро вазифадор мекунад, ки нисбати асирони ҳарбӣ башардӯстона муносибат намоянд. |
| **D)** Мавзуи Конвенсияи Сеюми Женева | **4)** Ҳуқуқи хориҷиёнро дар хусуси тарк намудани қаламрави тарафҳои даргири низоъ муайян кардааст. |
| | **5)** манъи расонидани зарари дарозмуддат ба муҳити табиатро инъикос кардааст |

**13** **Меъёри “*Давлатҳои узв бояд ҳимояи ҳуқуқҳои ҳар як кӯдаки дар доираи юрисдиксияи онҳо қарордоштаро бидуни табъиз таъмин намоянд.*” дар кадом моддаи Конвенсияи СММ “Дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак”, ки ҳамчун яке аз усули умумии роҳбарикунанда амал мекунад, пешбинӣ шудааст?**

**Ҷавоб:** ______________________________

**14** **Прокурорҳо ҳангоми гузаронидани санҷишҳо ва таҳлили маводи умумии назорати прокурорӣ дар доираи салоҳияти худ чор навъи санади прокурорӣ қабул мекунанд. Санадҳои прокурорро муайян намоед.**

**Ҷавоб:** ______________________________

**15** **Парвандаи ҷиноятиро нисбати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ... метавонад оғоз кунад.**

**Ҷавоб:** ______________________________

**16** **Ҳамсарон ба идораи нотариалӣ барои бақайдгирии аҳдномаи никоҳ омаданд. Идораи нотариалӣ боз кадом амалҳоро ба анҷом мерасонад? Як мисоли дилхоҳатонро нависед.**

**Ҷавоб:** ______________________________

**17** **Намудҳои сервитутро муайян намоед.**

**Ҷавоб:** ______________________________

______________________________

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**18** **Дар ҳолати офати табиӣ молу мулк тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ метавонад аз молик бо тартиб ва тибқи шартҳои муқаррарнамудаи қонун ба моликияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба манфиати ҷомеа гирифта шуда, ба молик арзиши молу мулк пардохт карда шавад. Ин ҳолат мувофиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ ном дорад?**

**Ҷавоб:** ______________________________

**19** **Санади судие, ки судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ дар натиҷаҳои баррасии шикояту эътирозҳои кассатсионӣ ва назоратӣ қабул намудаанд, чӣ номида мешавад?**

**Ҷавоб:** ______________________________

**20** **Мувофиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе, ки корро дар хонаи худ ё ҷойи барои иҷрои кор мувофиқ бо меҳнати шахсӣ анҷом медиҳад, чӣ ном дорад?**

**Ҷавоб:** ______________________________

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

# ИСТИЛОҲОТ

**Истилоҳро муайян карда, дар банди мувофиқ нависед.**

| Шарҳ | Истилоҳ |
|---|---|
| Таҳия ва мунтазам амалисозии чорабиниҳои давлатӣ оид ба решакан кардани сабабҳо ва шароитҳоест, ки ба паҳншавии коррупсия мусоидат мекунанд. | |
| Ҳама гуна фаъолияти шаҳрвандони қобили меҳнат, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набуда, ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятиашон алоқаманд мебошад ва ба онҳо даромад (музд) меорад. | |
| Соҳаи махсуси фаъолияти ҳаётии инсон, ки аз ҷониби худи инсон мувофиқи эътиқоди ботинии ӯ назорат карда шуда, мақсадаш қонеъ гардонидани талабҳои шахсии ӯ аст. | |
| Принсипи сиёсии тасдиққунандаи ягонагии томи сиёсӣ ва миллӣ. | |
| Шахсест, ки ба сабаби хатари комилан асосноки ҷабр дидан аз таъқибот аз рӯйи аломатҳои нажодӣ, дин, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё эътиқодмандии сиёсӣ берун аз мамлакати мансубияти шаҳрвандии худ қарор дошта, аз ҳимояи ин мамлакат истифода карда наметавонад ва аз чунин ҳимоя ба сабаби чунин хатарҳо истифода кардан намехоҳад. | |
| Ҳама гуна давлате, ки коргари муҳоҷир ҳангоми рафтан ба кори кироя ба давлати дигар ва аз он ҷо баргаштан ба воситаи он давлат мегузарад. | |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – 6, барои ҳар ҷавоби дуруст – 1 хол.

РОЙГОН! Дарсомонаи www.ntc.tj

**1. Санадҳои ҳуқуқии мақомоти давлатиро муайян намоед.**

| | | |
|---|---|---|
| Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| Прокурор | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – 7,5

**2. Намудҳои биржаро муайян намоед.**

| | | |
|---|---|---|
| Вобаста ба хусусияти танзими ҳуқуқии таъсис додан ва фаъолияти биржаҳо | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| Вобаста ба хусусияти савдои биржавӣ | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| Вобаста ба моли биржавӣ | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |
| Вобаста ба хусусияти амалиёти биржавӣ | | 0,5 хол |
| | | 0,5 хол |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – 5

**3. Ҳолатҳое, ки ҷазои ҷиноятиро вазнин мекунанд.**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | | то 1,5 хол |
| 2 | | то 1,5 хол |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

| | | |
|---|---|---|
| 3 | | то 1,5 хол |
| 4 | | то 1,5 хол |
| 5 | | то 1,5 хол |
| 6 | | то 1,5 хол |
| 7 | | то 1,5 хол |
| 8 | | то 1,5 хол |
| 9 | | то 1,5 хол |
| 10 | | то 1,5 хол |
| 11 | | то 1,5 хол |
| 12 | | то 1,5 хол |
| 13 | | то 1,5 хол |
| 14 | | то 1,5 хол |
| 15 | | то 1,5 хол |

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

! Холи ҳадди аксари имконпазир – 22,5

**4. Ба корманд бо назардошти вазъи оилавӣ ва дигар сабабҳои узрнок, дар асоси аризааш рухсатии бемузди меҳнат дода мешавад. Давомнокии ин рухсатиро нисбат ба категорияи гуногуни кормандон муайян намоед.**

| | | |
|---|---|---|
| Ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ба нафақахӯроне, ки кор мекунанд. | | то 1,5 хол |
| Ба падару модарон ва ҳамсарони хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар натиҷаи захм, контузия ё осебе, ки ҳангоми ҳимояи Ватан ва иҷрои вазифаи (мансаби) хизматӣ ба онҳо расидааст, ё дар натиҷаи бемории вобаста бо иштирокашон дар ҷанг ва муқовиматҳои сиёсӣ фавтидаанд. | | то 1,5 хол |
| Ба маъюбоне, ки кор мекунанд. | | то 1,5 хол |
| Ба кормандон дар мавриди таваллуд шудани кӯдак, маросими бастани ақди никоҳ, вафоти хешовандон. | | то 1,5 хол |
| Ба кормандоне, ки шахси бемори аъзои оиларо мувофиқи хулосаи тиббӣ нигоҳубин мекунанд (бе додани варақаи корношоямии меҳнатӣ ё ҳуҷҷати ивазкунандаи он). | | то 1,5 хол |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – 7,5

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**5. Вазъияти фавқулода дар кадом мавридҳо метавонад ҷорӣ карда шавад?**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | | то 1,5 хол |
| 2 | | то 1,5 хол |
| 3 | | то 1,5 хол |
| 4 | | то 1,5 хол |
| 5 | | то 1,5 хол |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – 7,5

**6. Самтҳои асосии чорабиниҳои давлатӣ оид ба решакан кардани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба паҳншавии коррупсия мусоидат мекунанд.**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | | то 1 хол |
| 2 | | то 1 хол |
| 3 | | то 1 хол |
| 4 | | то 1 хол |
| 5 | | то 1 хол |
| 6 | | то 1 хол |
| 7 | | то 1 хол |
| 8 | | то 1 хол |
| 9 | | то 1 хол |
| 10 | | то 1 хол |

! Холи ҳадди аксари имконпазир – 10

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj